# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Фозилов Ҷалолиддин Дусмуродович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии рстаниҳои кишоварзӣ

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз масъала калидии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Кишоварзӣ соҳаи муҳими хоҷагии халқи Тоҷикистон буда, дар таъмин кардани аҳолӣ бо маводи хӯроквории худӣ саҳми калон дорад. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сар аҳолӣ дар солҳои охир зиёд шуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки др солҳои охир ба ҷумҳурӣ навъҳои зиёди олу интродуксия шуда истодааст, ки хусусиятҳои агроэкологии онҳо то ҳол дар сатҳи илман асоснок ва баҳогузорӣ нашудааст. Аз ин лиҳоз мубрамии мавзуъ бешубҳа буда ва гузаронидани корҳои тахқиқоти-илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ манфиатнок мебошад.

Корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Кооперативи тиҷоратию истеҳсолии Сомонҷони ноҳияи Дангара дар баландии 600м аз сатҳи бахр воқеъ гаштааст, дар давоми солҳои 2017 – 2020 гузаронида шудааст.

Муайян намудани самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи боғдорӣ ин арзиши аслии он буда, яке аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳанда дар навбати худ ба хароҷоти истеҳсолӣ нисбати ҳосили бадастомада баробар мебошад.

Диссертант Фозилов Ҷ.Д. дар корҳои таҳқиқотӣ қайд менамояд, ки аз натиҷаи баҳодиҳии ҳосилнокии навъҳои интродуксионии олу дар шароити ноҳияи Данғара ҳосилнокии баланд ба ҳисоби миёна дар навъҳои олуи «Блю фри»-15.4 т/га, «Стендей»- 13.8т/га ва «Кабардинская ранняя» - 13.8т/га ба даст оварда шудааст. Инчунин дар шароити Данғараи вилояти Хатлон аз ҷониби унвонҷӯ муайян гардидааст, ки сатҳи даромаднокии навъҳои интродуксионии олу аз 4.7 то 127.6%-ро ташкил додааст, ки он аз самаранокии баланди парвариши олу шаҳодат медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар навъҳо моддаҳои хушк-17.9%, қанд-9.7%, туршӣ-0.61%, витамини С-6.4мл/100г ва таъм бошад ба 4.4 хол баробар аст.

Ба аторефераги диссертатсия эрод надорам.

Кори диссертатсионӣ аҳамияти илмию амалӣ дошта, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва унвонҷӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии рстаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Профессори кафедраи ҳифз ва карантини
растаниҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, д.и.к. Қаҳаров Қ.Ҳ.
*Сурога: 734003.ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146,*
*Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.*
*E-mail: kaharjon71@mail.ru Тел.: 918927963*

5. 12. 2025г.

Имзои доктори илмҳои кишоварзӣ,
профессор Қ.Ҳ.Қаҳаровро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

***Сурогаи муассиса:*** *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146 , Донишгоҳи*
*аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,*
***факс/тел.:*** *(+992 37) 224-72-07,* ***E-mail:*** ***rectortau31@mail.ru***